щиеся на данном уровне в первую очередь глубоко и всесторонне осознают роль и место дидактического сотрудничества в процессе языкового обучения. Они также знают и умеют использовать ту или иную технологию планирования – организации – реализации – анализа дидактического сотрудничества. При этом они чётко соблюдают дидактические и методические принципы. В ходе приучения сотрудничеству учеников используют разнообразные наглядные и компьютерные средства обучения. Они рационально обучают учеников технологию использования методов обучения, исходя из того какой тип дидактического сотрудничества доминирует на том или ином этапе языкового обучения, тем самим обогащая методический арсенал учеников. Особое внимание они уделяют при приучению учеников к использованию метода работы с книгой, метода работы с компьютером что значительно усиливает базис организации самообучения учеников языку, как в индивидуальной, так и в парной и групповой формах организации обучения. Они знают ценность и значимость мотивации, стимулирования учеников к обучению языков. Всё это в совокупности даёт им возможность совместно с учениками реализовать разнообразные типы сотрудничества со всеми субъектами языковой учебно - познавательной деятельности, ибо каждый ученик может работать как самостоятельно, так и в паре и в группе, а также сознательно и активно может работать в ходе фронтального, обще классного обучения. Студенты данного уровня могут самостоятельно разработать различные дидактико-методические задачи для различного типа дидактического сотрудничества. В целом они проявляют достаточный уровень организаторских функций, что очень необходим в условиях применения коллективной формы организации обучения средством оптимального использования дидактического сотрудничества.

**Средний уровень.** К этому уровню относятся студенты, которые так или иначе знают и умеют организовать различные типы сотрудничества субъектов языковой учебно-познавательной деятельности, но при этом допускают некоторые ошибки, недостатки и пробели второстепенного характера, что связанно с недостаточным пониманием сущности, основного содержания и технологии планирования – организации – реализации – анализа дидактического сотрудничества. Это сказывается и на приучение ими учеников различным типам дидактического сотрудничества. В третьих они не могут самостоятельно составить задачи для различного рода типов дидактического сотрудничества. Исходя из всего этого с ними следует провести дополнительную консультационную работу для устранения указанных недостатков и ошибок.

**Низкий уровень.** Студенты этой категории не умеют полноценно организовать различные типы дидактического сотрудничества с учениками в ходе учебно-познавательной деятельности. Объективной причиной тому является то, что они сами недостаточно полноценно знают содержание и технологию планирования – организации – реализации – анализа различных типов дидактического сотрудничества. Вместе с тем не справляются с разработанной задач для различных типов дидактического сотрудничества. Исходя из всего этого с ними следует провести дополнительную корректировочную работу с целью устранения всех недостатков, ошибок и пробелов. Для этой работы следует привлечь

опытных педагогов ВУЗА и школы, а также студентов высокого уровня готовности по данному вопросу.

После проведения опытно - экспериментальной работы по данной тематике в контрольной и экспериментальной группах были получены следующие результаты, которых графически можно изобразить в следующем виде:




Условные обозначения:

а) ————————→ результаты экспериментальной группы;

б) - - - - - - - - - - - → результаты контрольной группы.

№ 1. Социальная жизнедеятельность “ человек – социальная группы-общество”;

№ 2. Социализация подрастающего поколения;

№ 3. Взаимное функционирование – взаимное сотрудничество подрастающего поколения со старшим поколением;

№ 4. Само-функционирование –само-сотрудничество подрастающего поколения;

№ 5. Адаптация – взаимная адаптация – самоадаптация подрастающего поколения к социальной среде;

№ 6. Общение – само-общение – взаимное общение подрастающего поколения;

№ 7. Обобщение – само-обобщение- взаимное обобщение социального опыта подрастающим поколением;

№ 8. Сотрудничество школы, семьи, др. общественных организаций в ходе подготовки подрастающего поколения к жизни и труду;

№ 9. Интеграция – коллективизм-сотрудничество основа материального и духовного благосостояния “ человек – социальная группа- общество”;

№ 10. Эффективные пути, способы, приёмы преодоления эгоизма в жизнедеятельности “ человека – социальной группы- общества”

Рис №4 Подготовка будущих учителей к оптимальной ориентации школьников к обучению, воспитанию и развитию.

Согласно рассматриваемой графики по вопросу подготовки подрастающего поколения к жизни и труду в контрольной и экспериментальной группах были получены следующие результаты:

Таблица № 1

| № | Группы и разница | Тематика вопросов по подготовке будущих учителей к оптимальной ориентации школьников к обучению, воспитанию и развитию, к жизни и труду | | | | | | | | | | Итого | В среднем |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | №1 | № 2 | №3 | №4 | №5 | №6 | №7 | №8 | №9 | № 10 | | |
| 1 | Экспериментальная | 0,74% | 0,70% | 0,80% | 0,77% | 0,72% | 0,75% | 0,76% | 0,78% | 0,82% | 0,68% | 0, 752% | 75,2% |
| 2 | Контрольная | 0,38% | 0,40% | 0,48% | 0,43% | 0,43% | 0,41% | 0,49% | 0,52% | 0,52% | 0,30% | 0,435% | 43,5% |

Итак, как видно из таблицы № после опытно-экспериментальной работы студенты экспериментальной группы усвоили тематику вопросов по подготовке подрастающего поколения к жизни и труду на 0, 752%, что в среднем по 10-ты пунктов данной тематики составляет соответственно 75,2%, когда как аналогичный результат в контрольной группе составляет 0,435%, и в среднем соответственно 43,5%. Общая разница полученных в экспериментальной и кон-

трольной группах результат составляет соответственно 0, 317%- 31,7% в пользу экспериментальной группы. Таким образом, полученные данные свидетельствуют о том, что разработанная и использованная модель подготовки будущих учителей к оптимальной ориентации школьников к обучению, воспитанию и развитию превосходить способы традиционной системы подготовки подрастающего поколения к жизни и труду и соответственно её можно предложить в практику вузовской работы в плане профессионально – педагогической подготовки будущих учителей к данному вопросу.

Таблица № 2

| № | **Уровни** | **Контрольная группа** | | **Экспериментальная группа** | | **Разница** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | до эксперимента | после эксперимента | до эксперимента | после эксперимента | до эксперимента | после эксперимента |
| 1. | Высокий | 00,7% | 0,13% | 00,5% | 0,26% | -0,24% | +0,13% |
| 2. | Средний | 0,11% | 0,38% | 00,9% | 0,54% | -00,2% | +0,16% |
| 3. | Низкий | 0,82% | 0,49% | 0,86% | 0,20% | +00,4% | - 0,29 % |

После проведения опытно-экспериментальной работы по подготовке будущих учителей иностранных языков к оптимальной организации различных типов сотрудничества субъектов учебно-познавательной деятельности были получены следующие результаты. Итак, после эксперимента прирост количества будущих учителей с высоким уровнем готовности в контрольной группе составил всего 00,6%, когда как соответствующий результат в экспериментальной группе составляет 0, 21%, а разница с данными контрольной группы составляет 0,13% в пользу экспериментальной группы. На среднем уровне увеличение в контрольной группе составляет 0,27%, а в экспериментальной группе 0,45%, а разница составляет 0,16% в пользу экспериментальной группы. После эксперимента в контрольной группе на низком уровне остались 0,49% учеников когда как в экспериментальной группе всего 0, 20% учеников разница составляет 0,29%. Таким образом, разработанные теоретические модели подготовки будущих учителей иностранных языков к оптимальной использовании различных типов сотрудничества субъектов учебно-познавательной деятельности по своей научно- методической ценности оказались достаточно эффективнее традиционных средств для того, чтобы их целесообразно применять в практике вузовской подготовки педагогических кадров.

В **заключении** изложены основные научно исследовательские выводи и рекомендации а так же намечены его перспективы.

Таким образом, проведенное исследование подтверждает правильность выдвинутой гипотезы, доказывают правомерность использования разработан-

ной технологии планирования-организации-использования-анализа дидактического сотрудничества в процессе учебно-познавательной деятельности учеников, а также методику подготовки будущих учителей иностранного языка по этой проблематике, и позволяет сформулировать следующие **выводы**:

1.Система человек-социальная группа-общество с научно-методической точки зрения функционирует полноценно лишь при условии подготовки подрастающего поколения к само-функционированию, к самодеятельности, к организации самостоятельной жизни, к взаимо-функционированию, к коллективной деятельности, к социальной жизни, к перефункционированию, к исправлению, коррекции ошибок, пробелов, недостатков и т.д. Именно такое функционирование подрастающего поколения должно быть сформировано, моделировано в процессе обучения.

2.Наиболее оптимальным вариантом такого функционирования, как показали теоретические и практические результаты нашего исследования является дидактическое сотрудничество, внедрение которой в учебно-познавательный процесс повышает как качество, так и продуктивность учебно-познавательной деятельности учеников.

3.Внедрение дидактического сотрудничества в учебный процесс требует от учителя сознательной, активной и ответственной выполнении организаторской функции, а от учеников также сознательной, активной и ответственной выполнении как функции учения, так и преподавания в самостоятельной и коллективной учебно-познавательной деятельности, в процессе сотрудничества с учителем и с другими учениками.

4. Дидактическое сотрудничество в процессе учебно-познавательной деятельности позволяет и способствует успешно с точки зрения образовательной, воспитательной и развивающей функций обучения решить цели и задачи обучения, что является очень немаловажным результатом в плане подготовки подрастающего поколения к жизни и труду.

5.Подготовка будущих учителей к планированию-организации-внедрения - анализа дидактического сотрудничества в учебном процессе предполагает оптимизации преподавания раздела «Дидактика» курса педагогики, организации педагогической практики, разработки уровней, критерий и показателей их готовности, а также самое главное внедрение системы моделей сотрудничества учителя с учениками и учеников друг с другом.

6.Предложенная система моделей сотрудничества учителя с учениками и учеников друг с другом может быть успешно использована в общеобразовательных школах, а методика подготовки будущих учителей дидактическому сотрудничеству в процессе учебно-познавательной деятельности в практике вузов, и в процессе переподготовки учителей.

**Рекомендации**: Результаты проведенного исследования позволяют выдвинуть следующие предложения и рекомендации:

- необходимо включить в учебные программы, силлабус, тексты лекций материалы по теме: «Теория и практика организации сотрудничества учителя с учениками и учеников между собой» раздела «Дидактика» курса педагогики;

- организовать курсы повышения квалификации для преподавателей вуза по организации сотрудничества преподавателя со студентами и студентов между собой в процессе практических занятий;

- в учебный процесс вуза включить интерактивные методы и формы организации сотрудничества преподавателя со студентами и студентов между собой;

- включить в содержание педагогической практики ознакомление студентов с передовым опытом планирования-организации-контроля-анализа -оценки сотрудничества учителя с учениками и учеников между собой в ходе учебно-воспитательного процесса;

- следует разработать и включить в содержание учебников английского языка для начальных классов учебные задачи требующие сотрудничество учителя с учениками и учеников между собой;

- организовать открытые уроки опытных учителей по применению методов и форм организации сотрудничества учителя с учениками и учеников между собой, с целью популяризации дидактического сотрудничества;

- организовать наставничество и методическую поддержку учителям основе составленных систем моделей планирования-организации-контроля-анализа-оценки дидактического сотрудничества;

- организовать курсы повышения квалификации для учителей начальных классов по планированию-организации-контроля-анализа-оценки дидактического сотрудничества.

Таким образом, в формировании профессионально педагогического мастерства будущих учителей важное место занимает дидактическое сотрудничество, совместная учебная работа учителя с учениками и учеников между собой. Эти методы и формы преподавания и учения повышают качество и продуктивность учебного процесса. Наряду с этим, опыт сотрудничества приобретенный субъектами учебно-познавательной деятельности понадобятся им на всю жизнь, в плане улучшения качества жизни.

Наше исследование, однако, не претендует на исчерпывающее решение проблемы планирования-организации-использования-анализа дидактического сотрудничества, а рассматривается как начало решения данной проблемы. Дальнейшие перспективы исследования могут осуществляться в рамках более углубленного и всестороннего теоретического исследования и рассмотрения данной проблемы в преподавании различных учебных дисциплин.

## ОСНОВНОЕ СОДЕРЖАНИЕ ДИССЕРТАЦИИ И РЕЗУЛЬТАТЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ОТРАЖЕНЫ В СЛЕДУЮЩИХ ПУБЛИКАЦИЯХ АВТОРА

### I. Научное статьи, опубликованные в рецензируемых журналах, рекомендованных Высшей аттестационной комиссией при Президенте Республики Таджикистан

**[1-А].** Конструирование модели сотрудничества учителя с учениками и учеников друг с другом в процессе учебно-познавательной деятельности / П.И.

Сидикова // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе, 2019. № 1. - С 294-297.

**[2-А].** Об основополагающих теоретических вопросах организации учебно-познавательного сотрудничества субъекта обучения / П.И. Сидикова // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе, 2019. № 3. – С. 162-165.

**[3-А].** Организация учебно-познавательного, сотрудничества в зависимости от уровня сложности учебно-познавательной задачи / П.И. Сидикова // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе, 2019. 3(60). – С. 170-175.

**[4-А].** О сущности и организации сотрудничества в процессе обучения / П.И. Сидикова // Учёные записки ХГУ им.акад.Б.Гафурова. - Худжанд, 2020. 4(65). –С.193-198.

***II. Статьи опубликованные в других научных журналах и изданиях:***

**[5-А].** Сидикова П.И. О дидактической значимости внедрения полифункционального подхода в организации учебно-познавательной деятельности учащихся/ П.И. Сидикова //Муаммоҳои омӯзиши фаннҳои табиию риёзӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим. - Хуҷанд Нашриёти “Меъроҷ”, 2020. –С. 122-126.

**[6-А]** Сидикова П.И. О некоторых вопросах интерпритации сущности понятия сотрудничества и классификации типов сотрудничества// Армуғони навроҳони илм. - Хуҷанд, Нури маърифат; 2020. - № 6. – С. 324-327.

**[7-А]** Сидикова П.И. О подготовке будущих учителей иностранных языков к использованию дидактического сотрудничества в начальных классах //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Масъалаҳои рушди илмҳои психология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: муаммо ва дурнамо» бахшида ба 30- солагии Иҷлосияи XVI Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90-солагии МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” (Хуҷанд - 22.10.2022с.). - Хуҷанд: Нури маърифат, 2022.- С.410-414.

**[8-А]** Сидикова П.И. О некоторых вопросах творческого использования опыта учителей новаторов при организации различных видов сотрудничества учителей с учениками и учеников между собой // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Масъалаҳои рушди илмҳои психология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: муаммо ва дурнамо» бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90-солагии МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” (Хуҷанд - 22.10.2022). - Хуҷанд: Нури маърифат. 2022. - С.414-418.

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**“ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”**

**ТКБ –74.03 (5т)**
**ТДУ – 37.0**
**С- 52**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**СИДИҚОВА ПАРВИНА ИСМОИЛОВНА**

# АСОСҲОИ ДИДАКТИКИИ ТАШКИЛИ ҲАМКОРИИ ОМӮЗГОР БО ХОНАНДАГОН ВА ХОНАНДАГОН БО ҲАМДИГАР ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти
дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси
13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика
ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**ХУҶАНД – 2023**

Диссертатсия дар кафедраи педагогикаи умумии МТД “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович -** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

**Муқарризони расмӣ:** **Мухаметов Гапур Бобоевич** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, декани факултети филологияи руси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Тоҷибоева Манзура Икромовна** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забони давлатӣ ва забонҳои хориҷии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Ҳимояи диссертатсия санаи 3-юми феврали соли 2024, соати 8:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи маркази МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва сомонаи донишгоҳ www.hgu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «___» ________соли 2023 тавзеъ карда шуд.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ Ҳамробоев Н.А.

## МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Инкишофи мусоиди ҳаёти моддӣ ва маънавии одам – гурӯҳи иҷтимоӣ-ҷомеа аз зуҳурёбии арзишманди моҳияти иҷтимоии онҳо вобаста аст. Одам-гурӯҳҳои иҷтимоӣ-ҷомеа дар диалектикаи ягонагӣ, бо ҳамалоқамандӣ ва аз ҳамдигар вобастагии одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҷомеаҳо арзи вуҷуд намуда, амал менамоянд. Моҳияти иҷтимоии одам-гурӯҳи иҷтимоӣ-ҷомеа дар муттаҳидӣ ва ҳамкории онҳо дар раванди фаъолияти ҳаёти онҳо дар асоси риояи принсипҳои ҳамзистии осоишта, адолати иҷтимоӣ, фаъолияти коллективона зуҳур меёбад.

Насли наврас зимни омодагӣ ба ҳаёт, ба ҳаёти моддӣ ва руҳӣ таҷрибаи гаронбаҳои иҷтимоиро, аз ҷумла таҷрибаи ҳамкориро, кадоме, ки ба онҳо дар тӯли тамоми ҳаёташон лозим аст, азхуд менамояд.

Дар асоси таҷрибаи мазкур онҳо на танҳо амалиётҳои мустақилонаи фардиро, балки боз амалиётҳои иҷтимоиро, амалиётҳои якҷояро бо дигар субъектҳои иҷтимоӣ дар доираи муносибатҳои одам-гурӯҳи иҷтимоӣ-ҷомеа иҷро намуда метавонанд.

Тарбия ва таълим бояд ба ҷорӣ кунонидани тарзи ҳаёти ҳам фардӣ ва ҳам иҷтимоӣ нигаронида шавад.

Одам-гурӯҳи иҷтимоӣ-ҷомеа бояд, ки ҳам мустақилона ва ҳам якҷоя бо дигар одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҷомеаҳо амал намуданро донанд ва иҷро карда тавонанд. Барои ин ҳама барои ҳам бо худ ва ҳам бо дигарон ҳамкорӣ намудан бояд, ки салоҳиятдор бошанд. Вобаста ба ин ҳамкорӣ шарт ва воситаи асосии ҳастии фардӣ ва иҷтимоиӣ онҳо мебошад. Дар доираи таҳқиқоти мазкур асосҳои фалсафавӣ-иҷтимоӣ, равоншиносӣ-педагогӣ, этикӣ-эстетикии тарҳрезӣ - нақшакашӣ - ташкил – баамалбарорӣ -таҳлили ҳамкорӣ умуман, ва ҳамкории таълимӣ маърифатии омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар алалхусус мавриди назар мегардад.

Мубрамияти таҳқиқот дар зарурати ҳаллу фасли муаммои ҳамкории таълимӣ -маърифатӣ ҳам дар доираи назариявӣ ва ҳам дар доираи амалӣ, ки он дар васеъ ва чуқур ба дараҷаи лозимӣ мавриди назар нагардидан ва аз ҷиҳати назариявӣ на он қадар аниқу дақиқ баррасӣ нагардидан зуҳур меёбад, ки он кушодани моҳият, мундариҷаи асосӣ, методҳо ва шаклҳои ташкили онро мушкил мегардонад, аз ҷиҳати амалӣ бошад омӯзгорон доир ба ташкили ҳамкории таълимӣ-маърифатӣ роҳнамоӣ методии мукаммал надоранд.

**Дараҷаи коркарди муаммо.** Муаммои ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётии ҷомеа инъикоси худро дар таҳқиқотҳои зерини файласуфон, ҷомеашиносон, сиёсатшиносон, равоншиносон ва педагогон ёфтааст:

- муаммои моҳият, мундариҷаи асосӣ, мақсад ва вазифаҳои ҳамкорӣ, алоқаи ҳамкорӣ бо фаъолият дар корҳои А.П. Огуртсов, Э.Г. Юдин, Л. Николов;
- барпо намудани ҳамкории байналмиллалӣ дар соҳаҳои сиёсат, илм ва таҳсилот дар асарҳои Я.А. Коменский;
- зарурати воқеӣ ташкили ҳамкорӣ дар давраи муосири инкишофи ҷомеа-Б.С. Гершунский;
- сиёсат ва ҳамкорӣ-Моҳатма Гандӣ;

- ташаккули коллективи бачагони тавассути ҳамкорӣ дар асарҳои А.С. Макаренко ва В.А. Сухомлинский.;

- психологияи муносибатҳои байни шахсӣ ва ҳамкорӣ дар таҳқиқотҳои А.А. Бодалев.;

- ҳамкории хонандагон дар китобҳои Ч. Кhandlingсевич, Ю.К. Бабанский, И.Я. Лернер.;

- ташаккули маҳорати педагогӣ дар доираи ҳамкории омӯзгор бо хонандагон дар таҳқиқотҳои И.А. Зязюн, Н.Н. Тарасевич.;

- пайдоиш ва инкишофи ҳамкории дидактикӣ дар корҳои В.К. Дяченко.;

- таҷрибаи бои банақшагирӣ-ташкил-амалигардонии- таҳлили ҳамкории дидактикӣ дар равияи “педагогикаи ҳамкорӣ”доир ба фанҳои гуногун :

- доир ба фанҳои синфҳои ибтидоӣ- Ш.А. Амонашвилӣ ва С.Н. Лисенкова.;

-доир ба адабиёти рус- Е.Н. Илин.;

- доир ба нақшакашӣ ва меҳнат И.П. Волков.;

- доир ба таърих, астраномия, ҷуғрофия- В.Ф. Шаталов.;

- доир ба таърих- Т.И. Гончарова.;

- доир ба ҷомеашиносӣ – А.Б. Резник.;

- доир ташаккули коллективи хонандагон- И.П. Иванов.;

- доир ба ташкили театри эҷодиёти ҷавонон- Е.Ю. Сазонов.;

- доир ба педагогикаи муолиҷавӣ - А.А. Дубровский.;

- доир ба ташвиқу тарғиби педагогикаи ҳамкорӣ М.М. Паташник, И.Н. Боҷенова, С. Соловейчик.;

- нақш ва мақоми санъатшиносӣ дар ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи ҳамкорӣ-Б.М. Неменский.;

- ҷанбаи психологии ташкили ҳамкорӣ – Л.М. Фридман, Зимняя И.А.;

- нақш ва мақоми интизоми худидоракунӣ дар ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи ҳамкорӣ Ф. Фебер, Э. Мазлиш ва бисёри дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Таҳлили адабиёти илмӣ ва таҷрибаи банақшагирӣ- ташкил- амалигардонӣ- таҳлили ҳамкории дидактикӣ нишон медиҳад, ки мавриди назар намудани муаммои мазкур дорои характери муқарраркунанда мебошад. Дар ин корҳо асосан талаботҳои умумӣ доир ба истифодаи ҳамкорӣ дар раванди таълим пешниҳод гардиданд.

Инкишофи муосири илм таҳқиқи муамморо аз нуқтаи назари яклухт, том ва системанокӣ, дар асоси риояи принсипҳои муносибати фаъолиятнокӣ, дар асоси истифодаи методҳои таҳқиқоти умумиилмӣ ва илмӣ хусусӣ, назариявӣ ва эмпирикӣ, ки онҳо дар якҷоягӣ барои ҳамаҷониба ва чуқур таҳқиқ намудани моҳият, мундариҷаи асосӣ ва шаклҳои ташкили ҳамкории дидактикӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифат ва маҳсулнокии фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ мусоидат менамоянд, тақозо менамояд.

Ҳамин тариқ яқин аён аст, ки муаммои банақшагирӣ-ташкил-амалигардонӣ- таҳлили ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифат ва маҳсулнокии фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ таҳқиқоти махсуси илмиро тақозо менамояд.

*Хулосаи мазкур сабаби ҳаллу фасли* ***ихтилофоти*** *зерин гардид:*

- байни шавқу рағбати илмӣ- методӣ нисбати муаммои ҳамкории дидактикӣ аз ҷонибӣ илмҳои педагогӣ-равоншиносӣ ва мавҷуд набудани тафсири аниқу дақиқи илмии моҳият, мундариҷаи асосӣ ва шаклҳои ташкили ҳамкории дидактикӣ;

-байни мавҷудияти дараҷаи бои таҷрибаи истифодаи ҳамкории дидактикӣ ва мавҷуд набудани тасвияти асосноки назариявӣ ва аз ҷиҳати амалӣ мақсадноки усулҳои омӯзиш, ҷамъбаст ва истифодаи эҷодкоронаи таҷрибаимазкури пешқадами педагогӣ;

-байни талаботи мактабҳои таҳсилоти умумӣ нисбат ба усулҳо ва шаклҳои ташкили ҳамкории дидактикии аз ҷиҳати илмӣ -методӣ асоснок ва мавҷуд набудани маҷмӯъи моделҳои ҳамкории дидактикӣ дар арсенали илмҳои равоншиносӣ-педагогӣ;

-байни талаботи мактабҳои олӣ нисбати усулҳои аз ҷиҳати назариявӣ асосноки ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои ҳамкории дидактикӣ дар омӯзгорони оянда ва мавриди коркард қарор нагирифтани модели ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда доир ба банақшагирӣ -ташкил-амалигардонӣ-таҳлили ҳамкории дидактикӣ.

Имкониятҳои истифодаи ҳамкории дидактикии омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигарро мавриди таҳлил қарор дода, мо ҳамин асосро ба назари эътибор гирифтем, ки зимни фароҳам овардани шароити оптималии равоншиносӣ – педагогӣ ташкили ҳамкории дидактикӣ барои баланд бардоштани сифат ва маҳсулнокии фаъолиятӣ таълимӣ- маърифатии хонандагон мусоидат хоҳанд намуд.

Аммо новобаста аз мавҷуд будани таҷрибаи бои истифодаи ҳамкории дидактикӣ дар амалияи таълим муаммои банақшагирӣ-ташкил- амалигардонӣ-таҳлили ҳамкории дидактикӣ, муаммои мақсаднок истифодабарии ҳамкории дидактикӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон ҳанӯз аз ҳаллу фасл дур аст, зеро истифодаи ҳамкории дидактикӣ дар амалияи таълими мактабӣ натиҷаҳои назаррас намедиҳанд. Илова бар ин, усулҳои омодасозии омӯзгорони оянда ба истифодаи ҳамкории дидактикӣ дар раванди таълим ба талаботҳои илмӣ-методии муосир ҷавобгӯ нестанд.

Ба таври мувофиқ, то алҳол як қатор зиддиятҳо ҳам дар мактабҳои миёна ва ҳам дар мактабҳои олӣ доир ба муаммои оптимизатсияи назария ва амалияи истифодаи ҳамкории дидактикӣ ҳаллу фасл нагардидаанд.

Зарурати асоснок намудан ва коркарди маҷмӯаи моделҳои ҳамкории дидактикӣ ва вобаста ба он технологияи омодасозии омӯзгорони оянда ба ҳаллу фасли зиддиятҳои дар боло нишон дода шуда сабаби интихоби мавзӯи таҳқиқити мо гардид- “Асосҳои дидактикии ташкили ҳамкории дидактикии омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар”.

**Алоқаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯҳои илмӣ.** Мавзӯи таҳқиқоти мазкур бо мавзӯъи таҳқиқотӣ-илмии кафедраи педагогикаи умумӣ доир ба мавзӯи “Технологияи омодасозии омӯзгорони оянда ба фаъолияти касбӣ-омӯзгорӣ дар шароити низоми кредитии таълим” МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” ва дастурамалҳои асосии

Стратегияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 алоқаи бевосита дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсади таҳқиқот** коркарди модели аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаи ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар дар раванди таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ**.**

**Объекти таҳқиқот**: фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

**Предмети таҳқиқот**: истифодаи методи ҳамкорӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ**.**

**Фарзияи таҳқиқот**: сифат ва маҳсулнокии фаъолияти таълимӣ- маърифатии ба шарте баланд мегардад, ки **агар** дар раванди фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ методи ҳамкории омӯзгор бо хонанда ва хонандагон бо ҳамдигар мақсаднок мавриди истифода қарор дода шавад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**: Дар асоси мақсад ва фарзияи таҳқиқот, муаллиф ҳалли вазифаҳои зеринро дар назди худ гузошт:

-муайян намудани моҳият, аҳамият, мундариҷаи асосии истифодаи ҳамкорӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ- маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

-исбот намудани зарурати дидактикии омӯзиш, ҷамъбаст ва эҷодкорона мавриди истифода қарор додани таҷрибаи омӯзгорони навовари равияи "педагогикаи ҳамкорӣ";

-аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани аҳамият ва мақсаднокии истифодаи методи ҳамкорӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ;

-кушодани моҳият, мундариҷаи асосӣ ва аҳамияти вазифаи ташкилотчигии омӯзгор дар равнди фаъолияти таълимӣ- маърифатӣ;

-коркард ва озмоиши арзиши илмӣ- методии маҷмӯи моделҳои ҳамкории омӯзгор бо хонанда ва хонандагон бо ҳамдигар дар корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ;

**Методҳои таҳқиқот:**

- омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти муаммои таҳқиқот дар маъхазҳои илмии соҳаҳои фалсафа, педагогика, равоншиносӣ, методикаи таълими забонҳои хориҷӣ;
- мушоҳидаи равоншиносӣ-педагогӣ, пурсиш, сӯҳбат бо омӯзгорон ва хонандагон доир ба нақши ҳамкорӣ дар таълим;
- омӯзиш, таҳлил, ҷамъбасти таҷрибаи аниқкунии педагогии истифодаи методи ҳакорӣ дар таълим;
- моделонии дидактикии ҳамкории субъектҳои фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ;
- таҳлили педагогии китобҳои дарсии забони англисӣ;
- озмоиши педагогии муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда;
- коркарди оморӣ ва риёзии натиҷаҳои ба дастомада;

**Марҳилаҳои таҳқиқот**:

**Дар марҳилаи якум (солҳои 2017-2018)** Мубрамияти муаммо, асосҳои назариявии он муайян карда шуданд, назария ва амалияи банақшагирӣ- ташкил-истифода-таҳлили ҳамкорӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд, маҷмӯаи моделҳои ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар таҳия карда шуданд, меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, сатҳҳои имконпазири ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои ташкили ҳамкории дидактикӣ коркард гардиданд.

**Дар марҳилаи дуюм (2019-2020)** фарзияи корӣ аниқ карда шуд, системаи педагогии омодасозии омӯзгорони оянда ба ҳамкорӣ бо хонандагон ва ташкили ҳамкории хонандагон бо ҳамдигар дар асоси истифодаи таълим ба маънои васеяш, ва омодасозии омӯзгорони оянда дар иҷрои вазифаи ташкилотчӣ таҳия карда шуд, китобҳои дарсии забони англисии синфҳои ибтдоӣ мавриди таҳлил қарор гирифтанд, мундариҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муайян карда шуданд.

**Дар марҳилаи сеюм (2021-2022)** кори озмоиши ба мақсади муайян намудани самаранокии маҷмӯаи моделҳои ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар ва технологияи омодасозии омӯзгорони оянда ба истифодаи методи ҳамкорӣ ташкил ва гузаронида шуд, таҳлили натиҷаҳо иҷро карда шуд, хулосаҳо тасвият карда шуданд, тавсиятҳо таҳия карда шуданд.

**Асосии методологии** таҳқиқотро дастурамалҳои фалсафавӣ, ҷомеашиносӣ, педагогика ва равоншиносӣ доир ба нақши фаъолият дар ҳаёти одам, гурӯҳи иҷтимоӣ ва ҷомеа, назарияи шахсият, назарияи раванди бутуни педагогӣ, назарияи муносибати системанок, назарияи моделонӣ, ҳамчунин қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, “Консепсияи миллии таҳсилот” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Консепсияи милли тарбия” ва дигар ҳуҷҷатҳои маъмурии ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Асоси назариявии** таҳқиқоти диссертатсионӣ мазкурро асарҳои олимон доир ба ташкили фаъолият умуман ва фаъолияти таълими ва маърифатӣ алалхусус (М.С. Каган, Л. Николов, А. Н. Леонтев, Я. А. Коменский, Ю. К. Бабанский, В. А. Сластинин, Л. М. Фридмин, И. Д. Лернер, М. И. Махмутов ва дигарон) ҳамчунин корҳои таҷрибавӣ- озмоиши омӯзгорони навовари равияи педагогикаи ҳамкорӣ (В.Ф. Шаталов, С. Н. Лисенкова, И. П. Волков, Е. К. Илин ва дигарон) ташкил медиҳанд.

**Сарчашмаи таҳқиқот:** асарҳои илмии олимон файласуфон, равоншиносон, педагогон доир ба муаммоҳои ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва ташаккули шавқи маърифатии мактаббачагон, рушди шахс ва имкониятҳои худмуваффақшавӣ дар соҳаҳои фаъолияти таҳсилотӣ; маводҳои дастурии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба муаммои таҳқиқшаванда; таҷрибаи педагогии омӯзгорони муассисаҳои таълимии миёна ва олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна, умумӣ, ва ҳамчунин таҷрибаи шахсии омӯзгорӣ ва илмии муаллиф.

**Пойгоҳи таҷрибавию озмоиши таҳқиқот:** дар корҳои озмоишию таҳқиқотӣ хонандагони синфҳои ибтидоии гимназияи №24, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №22, 14, 16-и шаҳри Хуҷанд ва №14, 28-и ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- маҷмӯи модели ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар, ки моҳият ва мундариҷаи асосии ин намудҳои ҳамкориро инъикос менамоянд, таҳия карда шудааст;

- вобастагии аналитикии байни истифодаи ҳамкорӣ ва баланд гардидани сифат ва маҳсулнокии фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ муқаррар карда шудааст;

- самаранокии ҷорӣ намудани таълим ба маънои васеяш, ки дар таркиби худ таълим ба маънои маҳдудаш, бахудтаълимдиҳӣ, баҳамдигартаълимдиҳӣ, бозтаълимдиҳиро дарбар мегирад, ҳамчун шарти зарур барои истифодаи ҳамкорӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ба тариқи таҷрибавӣ-озмоишӣ тасвиб карда шудааст;

- маҷмӯи саволҳо, супоришҳо доир ба оптимизатсияи сатҳи омодагӣ ва салоҳиятнокии омӯзгорони оянда нисбат ба ҳамкорӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар таълими забони англисӣ таҳия када шудааст;

- ҷадвали сатҳи омодагии омӯзгорони оянда ба банақшагирӣ-ташкил-истифода – таҳлили ҳамкорӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ тартиб дода шудааст;

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Мавриди назар намудани ҳамкорӣ дар раванди таълим чун тарзи иҷтимоисозии насли наврас, ҳамчун таҷрибаи исҷтимоӣ, ки барои ҳаёти оянда, барои мустақилона ва якҷоя дар доираи одам-гурӯҳи иҷтимоӣ-ҷомеа фаъолияти ҳаётӣ бурдан лозим аст.

2. Истифодаи методҳои ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар дар раванди фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ исифодаи таълим ба маънои васеяшро, ки он дар таркиби худ таълим ба маънои маҳдудаш, бахудтаълимдиҳӣ, баҳамдигартаълимдиҳӣ ва бозтаълимдиҳиро дарбар мегирад ва ҳамчунин ташаккули вазифаи ташкилотчиро дар омӯзгор зарур ҳисоб менамояд, тақозо мекунад.

3. Маҷмӯи моделҳои ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар дар доираи қисмҳои таркибии субъектӣ, мундариҷавӣ ва равандӣ, меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои имконпазири ташаккули дониш , маҳорат, малакаҳои ҳамкории дидактикӣ муаррифӣ карда мешавад.

4. Маҷмӯи шартҳои педагогӣ, ки сатҳи баланди омодагии омӯзгорониояндаро нисбат ба истифодаи ҳамкории дидактикӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифат ва маҳсулнокии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагонро таъмин менамояд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот:**

- аз ҷиҳати назариявӣ зарурати истифодаи ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар дар раванди фаъолити таълимӣ-маърифатӣ исбот карда шудааст;

- ҷамъбасти назариявии таҷрибаи омӯзгорони навовари равияи “педагогикаи ҳамкорӣ” доир ба истифодаи ҳамкорӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ба сомон расонида шудааст;

- тасаввурот доир ба моҳият, арзиши илмӣ- методии усулҳои ташкили ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар дар синфҳои ибтидоӣ зимни таълими забонҳои хориҷӣ васеъ карда шудааст;

- принсипҳои банақшагирӣ-ташкил-истифода-таҳлили ҳамкорӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ тасвият карда шудааст;

**Аҳамияти амалии таҳқиқот:**

- **к**омплекси илмӣ-методии амалӣ гардонидани системаи ҳамкории дидактикии омӯзгор бо хонандагон ва хнандагон бо ҳамдигар таҳия карда шудааст:

- методикаи моделонии ҳамкории дидактикӣ ҳамчун барномаи таҳқиқот ва таълим;

- методикаи истифодаи ҳамкории дидактикӣ чун тарзи амалӣ гардонидани таълим ба маънои васеяш, ки дар таркиби худ таълим ба маънои маҳдудаш, ба худ таълимдиҳӣ, ба ҳамдигар таълимдиҳӣ ва бозтаълимдиҳиро дарбар мегирад;

- методикаи банақшагирӣ-ташкил-истифода-санҷиш-таҳлил-баҳодиҳии дидактикии омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар;

- методикаи омодасозии омӯзгорони оянда ба банақшагирӣ-ташкил-истифода-санҷиш-таълил-баҳодиҳӣ ба ҳамкории дидактикии омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар.

**Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот:** бо коркарди назариявии методҳои ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар, бо натиҷаҳои санҷида расман тасдиқ гардидан моделҳои дидактикӣ ва бо тафсири педагогии онҳо дар корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, бо мувофиқаткунонии мантиқӣ натиҷаҳои таҳқиқоти иҷрогардида бо натиҷаҳои дар соҳаи мазкур мавҷуд буда, бо истифодаи якҷояи методҳои умумиилмӣ ва педагогика, назариявӣ ва эмприкии таҳқиқот, бо мувофиқатии натиҷаҳои таҳқиқот бо натиҷаҳои дигар муаллифон, ки тавассути дигар методҳо ба даст омадаанд, бо эътимодноки маводҳои омори мавриди тасдиқ қарор гирифта метавонанд.

**Мутобиқатии диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсия ба мундариҷаи бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01-“педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот”(илмҳои педагогӣ): банди 1-“Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ” (бархӯрдҳои таҳқиқотӣ нисбати инкишофи илми педагогика, пайвастшавӣ ва ҳудудҳои қобили истифода бурдани онҳо; методҳои таҳқиқоти педагогӣ), банди 7-“Педагогикаи амалӣ” (ҷамбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ) ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти таҷрибавӣ -озмоиши муассисаҳои таҳсилотӣ).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзӯъ, таҳияи сохти диссертатсия, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва ба танзим даровардани натиҷаҳои озмоиш ва коркарди онҳо, таҳлили маълумотҳои коркарди натиҷаҳои додашуда озмоиш, омодасозӣ ва интишори мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои ба даст омода ва таҳияи диссертатсия зуҳур меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** дар раванди фаъолияти педагогии муаллиф ба сифати омӯзгори донишгоҳ амалӣ гардида, натиҷаҳои он дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», дар семинарҳо ва конференсияҳои илмӣ – амалии сатҳи байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ (2018 - 2022) ироа ва муҳокима шудаанд. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи омодагии омӯзгорони оянда тавассути маҷмӯи мақолаҳои интишорёфта, хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулияти амалӣ дар донишгоҳ, роҳбарӣ ба таҷрибаи педагогии донишҷӯён сурат гирифт.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқот дар 8 мақола инъикос ёфтаанд, ки 4-тои онҳо дар нашрияҳои тақризии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия чоп шуданд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда, 20 расм ва 8 ҷадвал иборат аст. Рӯйхати адабиёт 197 номгӯи сарчашмаро бо забони таълиф: тоҷикӣ ва русӣ дар бар гирифтааст. Муҳтавои диссертатсия дар 180 саҳифаи чопи компютерӣ инъикос шудааст.

## МУНДАРИҶАИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** аҳамият ва мубрамияти муаммои таҳқиқшаванда асоснок карда мешавад, мақсад, вазифаҳо, фарзия, объект, предмет, навгонии илмӣ аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот муайян карда мешавад, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда тасвият карда шудаанд, дар бораи тасвиби кор, эътимодбахшӣ ва асоснокии таҳқиқот ва татбиқи натиҷаҳои кор иттилоъ пешниҳод гардидааст.

Дар боби якум –“**Асосҳои назариявии ташкил ва истифодаи ҳамкории дидактикӣ дар раванди таълим”** тавсифи принсипҳои ҳамкорӣ дар раванди фаъолият, таҳияи моделҳои ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар дар раванди фаъолияти таълимӣ-марифатӣ, ва ҳамчунин дар бораи самароникии тарзҳои ташкили ҳамкории таълимӣ-маърифатӣ, дар бораи ташкили ҳамкории таълимӣ-маърифатӣ вобаста ба сатҳи мураккабии вазифаҳои таълимӣ-маърифатӣ мавриди назар гардидаанд.

Одам мавҷудоти иҷтимоӣ аст. Ӯ новобаста аз дигар одамон фаъолияти ҳаётии худро ба роҳ монда наметавонад. Ба ин маъно одам унсури системаи иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Ҳамкорӣ шакли зуҳурёбии иҷтимоии одам буда, ва шарти зарури иҷтимоисозии ӯ арзёбӣ мегардад. Вобаста ба ин зарур аст, ки дар ӯ дониш, маҳорат,малакаҳо ва мувофиқатан ба ин сифати ҳамкорӣ ташаккул дода шавад. Таҷрибаи ҳамкорӣ дар оила ва мактаб ба даст овардашуда, ба одам дар тӯли тамоми ҳаёти даркор мешавад. Одам- гурӯҳи иҷтимоӣ-ҷомеа ҳамон вақт беҳтар амал менамоянд, ки агар онҳо ҳамкориро ҳамчун воситаи муошрати фардӣ, гурӯҳӣ ва иҷтимоии фаъолияти худ мавриди истифода қарор медиҳанд.

***Расми №1. Навъи ҳамкориҳо***

| № | Субъектои ҳамкории фаъолияти иҷтимоӣ | Наъи ҳамкорӣ | Тасвири сатҳии ҳамкорӣ | Навъи муносибат |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Одамон | Ҳамкории фардӣ | I - I | Муносибати байнишахсӣ |
| 2. | Гурӯҳҳои иҷтимоӣ | Ҳамкории байни гурӯҳӣ | V - V | Муносибатҳои байнигурӯҳӣ |
| 3. | Ҷомеаҳо | Ҳамкории иҷтимоӣ | X – X | Муносибатҳои иҷтимоӣ |

Аломатҳои шартӣ I- одам; V- гурӯҳ ; X- ҷомеа.

Байни одамон гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҷомеаъҳо умумият ва фарқият мавҷуд аст. Агар одам-гурӯҳи иҷтимоӣ-ҷомеа зимни ташаккули муносибати худ бо дигар одамон - гурӯҳҳои иҷтимоӣ-ҷомеа умумиятро асоси ва фарқиятро дуюминдараҷа ҳисоб намоянд, пас ин барои ҳамкорӣ, барои муоширет, барои ҳисобгирии манфиати умум, яъне ҳам манфиати худ, ва ҳам манфиати шарик роҳ мекушояд. Аммо агар одам-гурӯҳи иҷтимоӣ-ҷомеа зимни ташаккули муносибати худ бо дигар одам-гурӯҳи иҷтимоӣ-ҷомеа фарқиятро асоси ва умумиятро дуюминдараҷа ҳисоб намояд, пас ин барои мухолифат, ҷанг роҳ медиҳад, зеро дар чунин ҳолат баҳисобгирии манфиати худ ва ба назари эътибор нагирифтани манфиати тарафи муқобил ҷой дорад, ки он аз худбинии фардӣ, гурӯҳи иҷтимои сарчашма мерирад. Дар ҳолати аввал инкишофи мутараққии унсурҳои системаи иҷтимоӣ, ки дар он воситаи созанда ва маҳз ҳамкории унсурҳои система арзёбӣ мегардад, ҷой дорад, дар ҳолати дуюм бошад инкишофи ақибравӣ ҷой дорад, ки дар он сифат, воситаи вайронкунанда худбинии фардӣ, гурӯҳи иҷтимоӣ арзӣ вуҷуд менамояд, ки он сифати манфии аҳлоқии одам-гурӯҳи иҷтимоӣ- ҷомеа мебошад.

Одам бояд ки ҳам мустақилона ва ҳам дар якҷоягӣ, дар ҳамкорӣ бо дигар одамон фаъолият бурда тавонад.

Гурӯҳи иҷтимоӣ бояд ки ҳам мустақилона, ва ҳам дар якҷоягӣ, дар ҳамкорӣ бо дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ фаъолият бурда тавонад.

Ҷомеа бояд ки ҳам мустақилона ва ҳам дар якҷоягӣ, дар ҳамкори бо дигар ҷомеаҳо фаъолият бурда тавонад.

Агар аз нуқтаи назари системаноки фикрронӣ намоем ин маънои онро дорад, ки ҳар як унсури система ҳам мустақилона, ҳам дар ҳамкорӣ бо дигар унсурҳои система амал намуда тавонад. Чунин намудҳои ҳамкориро номбар намудан мумкин аст: ҳамкории оилавӣ- маишӣ, ҳамкории таълимӣ-маърифатӣ, ҳамкории дар раванди бозӣ, ҳамкории касбӣ-меҳнатӣ ва ғайраҳо.

Ҳамкории оилавӣ-маишӣ чунин фаъолиятӣ оилавӣ-маишӣ тавассути муошири оилавӣ-маишӣ ба вуҷуд меояд. Муошири оилавӣ-маишӣ байни падару модарон ва бачагон байни ҳамдигар, зимни ҳамкории байни дигар аъзоёни оила ба амал меояд.

Ҳамкории таълимӣ-маърифатӣ зимни иҷро намудани фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ байни субъектҳои таълимӣ-маърифатӣ тавассути муошири

таълимӣ-маърифатӣ ба амал меояд. Муоширати таълимӣ-маърифатӣ байни таълимдиҳандагон ва таълимгирандагон, ва ҳамчунин байни худи таълимгирандагон ҷой доранд, ки дар маҷмӯъ онҳо асоси ҳамкории дидактикиро ташкил медиҳанд.

Принсипҳои ҳамкорӣ- ин маҷмӯи қоидаҳои ҳамкорӣ, ки аз қонуниятҳои доҳилии раванди ҳамкорӣ сарчашма мегиранд ва бояд, ки аз ҷониби субъектҳои ҳамкорӣ барои гирифтани натиҷаҳои беҳтарин риоя карда шаванд. Ба системаи принсипҳои ҳамкорӣ принсипҳои зерин доҳил мешаванд:

1.Шуурнокии субъектҳои ҳамкорӣ;
2.Мустақилияти субъектҳои ҳамкорӣ;
3.Якҷояамалкунии субъектҳои ҳамкорӣ;
4.Фаъолнокии субъектҳои ҳамкорӣ;
5.Банақшагирӣ-ташкил-истифода-таҳлили ҳамкорӣ;
6.Салоҳиятнокии субъектҳои ҳамкорӣ;
7. Муносибати дӯстона ҳамчун шарти зарури ҳамкорӣ;
8.Гуногуншаклии ҳамкорӣ;
9.Эҷодкорона амал намудани субъектҳои ҳамкорӣ;
10.Муттасилии ҳамкорӣ;

Дар диссертатсия тавсифи ҳар як принсип пешниҳод гардидааст.

Ба сифати мисол тавсифи принсипи муттасилии ҳамкориро мавриди назар менамоем.

**Принсипи муттасилии ҳамкорӣ.** Ҳамкорӣ бояд на танҳо дорои гуногунии шакл ва мазмун бошад, балки он боз дорои ҳарактери муттасилӣ бошад, зеро ҳар як танаффус раванди самаранокӣ ва мақсаднокӣ ҳамкориро батаъхир меандозад. Аз муттасилии ҳамкорӣ низ ба ҳамдигар бовар намудани субъектҳои ҳамкорӣ вобаста аст. Аз муттасилии ҳамкорӣ ҳамчунин сифати баланд ва натиҷаи фаъолиятӣ муштарак, якҷоя, ҳамдигарро ғанигардонӣ ва ҳамдигарро инкишофдиҳии субъектҳои ҳамкорӣ вобаста аст.

Дар натиҷаи мавҷуд набудани муттасилӣ ҳам сифат, ҳам самаранокӣ ва натиҷаи фаъолият паст мегардад. Таваққуф дар ҳамкорӣ бисёр вақт дар натиҷаи риоя накардан ба қоидаҳои ҳамкорӣ ба амал меояд. Аниқу дақиқ риоя намудан ба қоида, ҷадвал, тартиби ҳамкорӣ кафолати ташкили ҳамкории дарозмӯҳлат байни субъектҳом фаъолият мебошад. Вайрон кардани аҳду поймон, шартномаҳо доир ба ҳамкорӣ сатҳи боварӣро нисбат ба ҳамдигар паст менамояд. Барои ҳамин ҳам зимни ба амал омадани чунин таваққуфҳо дар ҳамкорӣ, ки дар натиҷаи вайрон кардани қоидаҳои ҳамкорӣ ба амал меояд, ки боиси поймол гардидани ҳуқуқҳои яке аз ҷонибҳо ба амал меояд шарту шароитҳои ҳамкориро бояд аз сари нав мавриди назар намуд. Чиро тавассути азнавбанақшагирӣ -азнавташкилкунӣ -азнавистифодабарӣ-азнавтаҳлилкунии ҳамкорӣ, вақте ки зимни омӯзиш ва таҳлили хатогиҳо, норасоиҳо, вайроншавиҳо, камбудиҳо нақшаи нав, шартнома, созишномаи нави ҳамкорӣ тартиб дода мешавад. Ин табиӣ аст, ки ҳамкории одамон-гурӯҳҳои иҷтимоӣ – ҷомеаҳо на ҳама вақт бомуваффақият ва бенуқсон ҷорӣ мешаванд. Баъзан ихтилофи манфиатҳо, ист, нуқсонҳо дар ҳамкорӣ ба амал меояд. Хирадмандии коллективона зуд боварӣро нисбат ба ҳамдигар барқарор намуда, аз ин майда-чуйдаҳо

дӯстӣ ва тифоқиро, манфиатҳои умумро авло ва асосӣ ҳисобидан лозим аст. Тамоюл ба чунин муносибат таҳкурсии ҳамкориро хеле устувор менамояд. Ин бояд дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаётии одам-гурӯҳи иҷтимоӣ-ҷомеа зуҳур ёбад. Вагарна аз барои ҳар майда чуйда ҳар ду тараф ҳам зарар мебинанд. Дар натиҷа ҳама зарар дида, дар охири охирон ин ба таназзули рӯҳи оварда мерасонад, вақте, ки одамон ҳамчун мавҷудоти иҷтимоӣ, бо ҳамдигар якҷоя амал намуда наметавонанд. Ин дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётии одам-гурӯҳи иҷтимоӣ-ҷомеа ба амл меояд. Дар сатҳи фардӣ ин дар фаъолияти ҳаётии одам дар фаъолияти оилавӣ -маишӣ, таълимӣ-маърифатӣ, касбӣ-меҳнатӣ ба амал меояд, вақте, ки одам аз ӯҳдаи ҳаллу фасли муаммоҳои фардии худ намебарояд.

Дар сатҳи гурӯҳӣ ин дар он зуҳур меёбад, ки оила, коллективи таълимӣ, коллективи меҳнатӣ муаммоҳои оила, коллективи таълимӣ, коллективи меҳнатиро ҳал карда наметавонанд. Дар сатҳи иҷтимоӣ ин дар он зуҳур меёбад, он давлат ё кишвар муаммҳои дохилии худро ҳаллу фасл карда наметавонанд, зеро ҳамкории дохилӣ ба амал намеояд. Агар ҳамкории берунӣ аниқу дақиқ амал накунад, пас ҳаллу фасли муаммоҳои берунӣ, ки аз ҳамкории як одам бо одами дигар, як гурӯҳи иҷтимоӣ бо дигар гурӯҳи иҷтимоӣ, як ҷомеа бо дигар ҷомеа вобаста аст, ниҳоят мушкил мегардад. Ана чунин муаммоҳо, ситезаҷӯиҳо, бӯҳронҳо, асабониятҳо дар ҳаёти шахсӣ, гурӯҳӣ, иҷтимоӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, экологӣ, фарҳангӣ ниҳоят зиёд мебошанд. Аз ин лиҳоз ҳамкорӣ яке аз воситаҳои муҳим ва самараноки ҳаллу фасли муаммоҳои гуногун арзёбӣ мегардад. Ва ҳамкорӣ ба ин маъно бояд, ки характери муттасил дошта бошад. Зеро таваққуф дар ҳамкорӣ асабонияти шахсӣ, гурӯҳи, иҷтимоиро дар фаъолияти ҳаётии одам-гурӯҳи иҷтимоӣ-ҷомеаро ба амал меорад. Ин бевосита ба соҳаи таълими забонҳои хориҷӣ низ дахлдор мебошад. Зеро ҳамкориро дар таълими забонҳои хориҷӣ мавриди истифода қарор надодан шарту шароитро барои вайрон гардидани ҷараёни рушд ва тартиби омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз ҷониби таълимгирандагон ба амал меорад. Аз ин лиҳоз дар омӯзонидан ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҳамкории доимӣ ва муттасил лозим аст. Чунин муносибат шароитҳои мусоидро барои устуворӣ дар омӯзиши забонҳои хориҷиро ба амал меорад. Илова бар ин таваққуф дар ҳамкории таълимӣ, дар ҳамкории омӯзгор бо хонандагон, хонандагон бо ҳамдигар обрӯю эътибори хонандагонро нисбат ба омӯзгор, боварӣ ва эҳтироми ҳамдигарро байни омӯзгор ва хонандагон ва ҳамчунин эҳтиром ва боварии хонандагонро нисбат ба ҳамдигар паст мезанад. Дар ин ҷо обрӯю эътибор ва эҳтиром нақши асосиро мебозанд. Ба ҳар ҳол агар қоидаи ҳамкорӣ вайрон гардад, онро зуд соз бояд намуд. Сабақи ҳамкорӣ дар мактаб ҳамчун таҷрибаи иҷтимоии арзанда дар ҳаёти оилавӣ, дар ҳаёти дар ҳаёти касбӣ-меҳнатии онҳо кор меояд, ки он дар омодасозии онҳо ба ҳаёт ва ба меҳнат чун дурдонаи гаронбаҳо арзёбӣ мегардад.

Фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ хусусиятҳои ба худ хоси банақшагирӣ-ташкил-истифода-таҳлили ҳамкории дидактикиро доро мебошад. Дар раванди фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ҳалли вазифаҳои таълимӣ-маърифатӣ ба амал меояд.барои ҳалли вазифаҳои таълимӣ се намуди мувофиқ омадани методҳои таълим мавриди истифода қарор дода мешавад.

1) мувофиқ омадани методҳои таълим барои ҳалли вазифаҳои сатҳи баланди мураккабӣ;

2) мувофиқ омадани методҳои таълим барои ҳалли вазифаҳои сатҳи миёнаи мураккабӣ;

3) мувофиқ омадани методҳои таълим барои ҳалли вазифаҳои сатҳи пасти мураккабӣ.

Дар ин ҳол параметри миқдорӣ ҷанбаи равандӣ бо миқдори методҳои таълим дар ин ё он мувофиқ омадани методҳои таълим тавсиф дода мешавад, параметри сифатӣ бошад, дар дурустӣ ва нисбатан беҳтар будани интихоби методҳои таълим барои ҳалли вазифаи додашуда муайян карда мешавад. Ҳамчунин бояд тазаккур дод, ки ба субъектҳои сатҳи баланди салоҳиятнокии таълимӣ-маърифатӣ дониш, маҳорат ва малакаи ҳалли се намуди мувофиқ оварда тавонистани методҳои таълим, вақте ки ба субъектҳои сатҳи миёнаи салоҳиятнокии таълимӣ-маърифатӣ ду намуди мувофиқ оварда тавонистани методҳои таълим ва барои субъектҳои таълимии сатҳи паст танҳо як намуди мувофиқ оварда танвонистани методҳои таълим барои ҳалли вазифаи додошудаи таълимӣ хос мебошад.

Дар асоси заминаи назариявии ба даст овардашуда модели зерини ҳамкории таълимӣ-маърифатиро вобаста ба сатҳи мураккабии вазифаи таълимӣ таҳия намудан мумкин аст.




***Расми № 2. Ташкили ҳамкории таълимӣ -маърифатӣ вобаста ба сатҳи мураккабии вазифаҳои таълимӣ.***

Ҳамин тариқ, дар асоси модели мазкур ҳамкории таълимӣ-маърифатии омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигарро доир ба фанҳои гуногун, бодарназардошти хусусиятҳои ҳар як фанни таълимӣ ва хусусиятҳои ҳар як вазифаи таълимӣ таҳия намудан мумкин аст.

Таълими фанҳои забон самаранок ва беҳтар ҷараён мегирад, агар онҳо дар асоси намунаи нутқӣ ба роҳ монда шаванд. Дар ин ҳол намунаҳои нутқӣ ҳамчун объекти омӯзонидан ва омӯзиш мавриди назар мегарданд. Намунаҳои нутқиро модели ҷумлаи забон ба таври идеалӣ инъикос менамояд. Намунаҳои нутқӣ ҳамчунин ба таври иделӣ барои ташкили ҳамкории таълимӣ-маърифатӣ барои омӯзонидан ва омӯзиши забон мувофиқ меояд. Инро ба асос гирифта модели зерини таълимӣ-маърифатиро зимни омӯзонидани забон пешниҳод намудан мумкин аст.

***Расми № 3. Модели ҳамкории таълимӣ-маърифатӣ доир ба забономӯзонӣ.***



Аломати шартӣ:

Аҷ-аъзои ҷумла

Агар зимни таълим ба маънои маҳдудаш омӯзгори фанни забони хориҷӣ аз руи дастури мазкур фаъолияти таълимӣ-маърифатиро роҳандозӣ намояд, пас дар оянда дар раванди ба худтаълимдиҳӣ ва ба ҳамдигар таълимдиҳӣ доир ба омъзонидан ва омӯзиши забони хориҷӣ аз рӯи модели мазкур ҳам хонандагони алоҳида дар ҷудогонагӣ ва ҳам коллективи хонандагон умуман корбарии таълимиро ба роҳ мемонад.

Боби дувум- **“Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба истифолаи ҳамкории дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ”** ба таҳлили китобҳои дарсии забони англисӣ барои синфҳои ибтидоӣ бо назардошти мувофиқати-дидактикии онҳо нисбати истифодаи ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар, равонсозии омӯзгорони оянда- нисбати дарк намудани нақш ва мақоми ҳамкории дидактикӣ дар фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ, шинос намудани омӯзгорони оянда бо таҷрибаи истифодаи ҳамкории дидактикии аз ҷониби омӯзгорони навовари равияи “ҳамкории педагогӣ”, омодасозии омӯзгорониояндаи забонҳои хориҷӣ ба истифодаи ҳамкории дидактикӣ дар синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст.

Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба истифодаи шаклҳо ва намудҳои гуногуни ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар дар асоси методикаи махсус ташкил ва гузаронида шуд. Мувофиқи ғояи асосии методикаи мазкур худи таълим ҳамчун ҳамкорӣ аз ҷониби мо мавриди назар гардид. Фаъолияте, ки дар он якчанд субъектҳо иштирок менамоянд, ҳамон вақт самаранок ва мақсаднок иҷро карда мешавад, ки агар субъектҳои намуди мазкури фаъолият ба ҳамдигар ҳамкорӣ намоянд. Дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мебоист арзиши ҳамкориро дар раванди фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ исбот намуд. Ҳамкории дидактикиро вобаста ба ҷанбаҳои субъектӣ-мундариҷавӣ ва ё субъектӣ-равандӣ ташкил намудан мумкин аст. Дар ҳарду ҳолат ҳам корбарии таълимӣ бо мақсад, вазифаҳо, воситаҳо, мундариҷа ва методҳои таълим ҷой дорад. Дар ин ҳолат субъекти аз нуқтаи назари дидактикӣ салоҳияташ бештар ба субъекти салоҳияташ пасттар ёрии дидактикӣ мерасонад. Чунин субъекти босалоҳият пеш аз ҳама худи омӯзгор, сипас хонандагони пешқадам маҳсуб меёбанд. Зимни ҳамкории дидактикӣ чӣ ба амал меояд? Зимни ҳамкории дидактикии пурқувват гардидани хонандаи сустхон ба амал меояд. Агар чунин пурқувват гардидани дидактикӣ ба амал наояд пас ҳамкории дидактикии омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар моҳият ва мазмуни худро гум мекунад.

Барои гузаронидани корҳои озмоишӣ -таҷрибавӣ ду гурӯҳи бо ҳам баробар: назоратӣ ва озмоишӣ ташкил карда шуданд.

Моҳияти озмоиш аз он иборат буд, ки дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ ду тарзи тафсири мафҳуми ҳамкорӣ аз рӯи маъно ҳукмфармо буданд. Вобаста ба ин мафҳуми ҳамкорӣ дар гурӯҳи назорати нисбатан маҳдуд, рӯякӣ ва яктарафа маънидод карда мешавад, кадоме ки бо фаҳмиш ва истифодаи анъанавии мафҳуми мазкур дар амалия мувофиқ меояд, вақте ки мафҳуми ҳамкорӣ дар гурӯҳи озмоишӣ нисбатан чуқур ва васеъ фаҳмида мешавад, ва

ҳамчунин он бештар ба низоми “одам-гурӯҳи иҷтимоӣ-ҷомеа” мувофиқ меояд, ки дар он ҳамкорӣ ҳамчун унсури силсиласоз мавриди истифода қарор дода мешавад. Дар гурӯҳи назоратӣ ҳар як хонанда, новобаста аз дигарон, худ аз худ маълумот ва тарбия мегирад ва вобаста ба он инкишоф меёбад, ва танҳо дар ҳолатҳои ҷудогона ӯ на худ ба худ, балки тавассути дигарон маълумот ва тарбия мегирад, инкишоф меёбад, ки он истисно аст, на қоида. Аммо дар гурӯҳи озмоишӣ бошад хонандагон на танҳо худ аз худ , балки пеш аз ҳама тавассути ҳамдигар, тавассути коллективи хонандагон маълумот ва тарбия мегиранд, инкишоф меёбанд, чунки ҳамаи онҳо бе истисно нисбати ҳамдигар вазифаҳои маълумотдиҳандагӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳандагиро иҷро менамоянд, ки он ҳар дафъа ба инкишофи ҳаматарафаи онҳо шавқмандии нав, такони нав медиҳад.

**Сатҳи баланди** омодагии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ нисбат ба самаранок ташкил ва истифодаи намудҳои гуногуни ҳамкории дидактикӣ субъектҳои фаъолияти таълимӣ-маърифатии забонӣ. Донишҷӯёне, ки дар сатҳи мазкур қарор доранд пеш аз ҳама нақша ва мақоми ҳамкории дидактикиро дар раванди таълими забон чуқур ва васеъ дарк менамоянд. Онҳо ҳамчунин истифодаи технологияи нақшагирӣ-ташкил-истифода-таҳлили ҳамкории дидактикиро вобаста ба намудҳои гуногуни он хуб медонанд. Дар ин самт онҳо ба принсипҳои дидактикӣ ва методӣ қатъи риоя менамоянд. Зимни омӯзонидани хонандагон ба намудҳои гуногуни ҳамкории дидактикӣ аз аёният ва воситаҳои компютерии таълим васеъ истифода мебаранд. Онҳо хонандагонро нисбат ба технологияи истифодаи методҳои таълим самаранок омӯзонида ин амалро онҳо бо дарназардошти он, ки кадом миқдори намуди ҳамкории дидактикӣ дар ин ё он марҳилаи забономӯзонӣ асосӣ маҳсуб меёбад, ба сомон мерасонанд, ки ин ба ғанӣ гардонидани арсенали методии хонандагон имконият медиҳад. Диққати махсусро онҳо ба ёддиҳии хонандагон нисбат ба истифодаи методи кор бо китоб ва методи кор бо компютер медиҳанд, ки ин заминаи ташкили худомӯзии хонандагонро нисбат ба омӯзиши забон ҳам аз ҷиҳати фардӣ, ҳам аз ҷиҳати ҷуфтӣ ва гурӯҳии ташкили таълим пурзӯр мегардонад. Онҳо арзиш ва аҳамияти ҳавасмандгардонии хонандагонро нисбат ба омӯзиши забонҳо медонанд. Ҳама ин дар маҷмӯъ барои якҷоя бо хонандагон барои мавриди истифода қарор додани намудҳои гуногуни ҳамкории дидактикӣ бо ҳамаи субъектҳои фаъолият таълимӣ-маърифатӣ забономӯзӣ имкон медиҳад, зеро дар чунин ҳол ҳар як хонанда ҳам мустақилона, ҳам дар ҷуфт ва ҳам дар гурӯҳ, ҳамчунин бошуурона ва фаъолона зимни таълими дидактикӣ ва умумисинфӣ кор карда метовонад. Донишҷӯёни сатҳи мазкур мустақилона вазифаҳои гуногуни дидактикии методиро барои намудҳои гуногуни ҳамкории дидактикӣ таҳия карда метавонанд. Умуман онҳо сатҳи кофии иҷрои вазифаи ташкилотчигиро намоиш медиҳанд, ки ин барои самаранок истифодабарии ҳамкории дидактикӣ дар шароити мавриди истифода қарор гирифтани шаклҳои ташкили таълими коллективона зарур арзёбӣ мегардад.

**Сатҳи миёна**. Ба ин гурӯҳ донишҷӯёне дохил мешаванд, ки ба ҳар ҳол ташкил намудани намудҳои гуногуни ҳамкории субъектҳои таълимӣ-маърифатии забономӯзиро роҳандозӣ карда метавонанд, аммо дар ин раванд ба

баъзе хатогиҳо, камбудиҳо ва норасоиҳои дорои характери дуюмдарача роҳ медиҳанд, ки он бо фаҳмиши нокифояи моҳият, мундаричаи асосӣ ва технологияи банақшагирӣ-ташкил-истифода-таҳлили ҳамкории дидактикӣ алоқаманд мебошад. Ин дар ба хонанадагон ёддиҳии намудҳои гуногуни ҳамкории дидактикӣ низ ифодаи худро меёбад. Сеюм онҳо мустақилона аз ӯҳдаи таҳияи вазифаҳои барои намудҳои гуногуни ҳамкории дидактикӣ намебароянд. Вобаста ба ин бо онҳо корҳои машваратии иловагӣ доир ба ислоҳ намудани камбудӣ ва хатогиҳои зикргардида гузаронидан лозим аст.

**Сатҳи паст.** Донишҷӯёни гурӯҳи мазкур бо хонандагон ба дараҷаи мукаммал намудҳои гуногуни ҳамкории дидактикиро дар рафти фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ташкил карда, наметавонанд. Сабаби воқеии ин дар он аст, ки худи онҳо ба мундариҷа ва технологияи банақшагирӣ-ташкил-истифода-таҳлили намудҳои гуногуни ҳамкории дидактикӣ ба дараҷаи кофӣ сарфаҳм намераванд. Илова бар ин ҳаллу фасли намудҳои гуногуни вазифаҳои ҳамкории дидактикиро бо хонандагон самаранок иҷро карда наметавонанд. Вобаста ба ин бо онҳо бояд, ки корҳои ислоҳотиро бо мақсади бартараф намудани ҳамин камбудиҳо, хатогиҳо ва норасоиҳо ташкил ва гузаронидан лозим аст. Барои ин кор омӯзгорони соҳибтаҷрибаи мактабҳои олӣ ва мактабҳои миёна ва ҳамчунин донишҷӯёни дорои сатҳи баланди омодагии мазкурро ҷалб намудан лозим аст.

Пас аз гузаронидани корҳои таҷрибавӣ -озмоишӣ доир ба мавзӯъҳои мазкур дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ натиҷаҳои зерин ба даст даровварда шуданд, ки онҳоро ба намуди зерини ҷадвалӣ тасвир намудан мумкин аст.




Аломатҳои шартӣ : а) ——→ натиҷаи гурӯҳҳои озмоишӣ;

б) -----→ натиҷаи гурӯҳҳои назоратӣ;

№1. Фаъолияти ҳаётии иҷтимоӣ “одам-гурӯҳи иҷтимоӣ-ҷомеа” ;

№2. Иҷтимоикунонии насли наврас;

№3. Амалиёти якҷоя -ҳамкории якҷояи насли наврас -бо насли калонсол;

№4. Худамалнамоӣ- бо худ ҳамкорӣ намудани насли наврас;

№5. Мутобиқшавӣ-якҷоя мутобиқшавӣ-худмутобиқшавии насли наврас ба муҳити иҷтимоӣ;

№6. Муошират-бо худ муошират намудан-бо дигарон муошират намудани насли наврас;

№7.Ҷамъбасткунӣ-худ ҷамъбасткунӣ -якҷоя бо дигарон ҷамъабасткунии таҷрибаи иҷтимоӣ аз ҷониби насли наврас;

№8. Ҳамкории мактаб, оила, дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар раванди омодасозии насли наврас ба ҳаёт ва меҳнат;

№9. Интегратсия-коллективизм-ҳамкории асоси некӯаҳволии руҳӣ ва моддии “одам-гурӯҳи иҷтимоӣ-ҷомеа”;

№10. Роҳҳо, тарзҳо, усулҳои самаранокии бартараф намудани худбинӣ дар фаъолияти ҳаётии “одам-гурӯҳи иҷтимоӣ-ҷомеа”;

Мувофиқи ҷадвали муоина карда шаванда доир ба масъалаи омодасозии насли наврас ба ҳаёт ва меҳнат дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ натиҷаҳои зерин ба даст омаданд:

Ҷадвали № 1

| № | **Гурӯх ва фарқият** | **Мавзӯъҳои масъалаҳои омодасозии омӯзгорони оянда ба равонасозии самаранокии мактаббачагон ба таълим, тарбия, ба ҳаёт ва меҳнат** | | | | | | | | | | Ҳамаги | Ба ҳисоб и миёна |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **№1** | **№ 2** | **№3** | **№4** | **№5** | **№6** | **№7** | **№8** | **№9** | **№ 10** | | |
| 1 | Озмоишӣ | **0,74%** | **0,70%** | **0,80%** | **0,77%** | **0,72%** | **0,75%** | **0,76%** | **0,78%** | **0,82%** | **0,68%** | **0, 752%** | **75,2%** |
| 2 | Назоратӣ | **0,38%** | **0,40%** | **0,48%** | **0,43%** | **0,43%** | **0,41%** | **0,49%** | **0,52%** | **0,52%** | **0,30%** | **0,435%** | **43,5%** |
| 3 | Фарқият | **0,36%** | **0,30%** | **0,32%** | **0,34%** | **0,29%** | **0,34%** | **0,27%** | **0,26%** | **0,31%** | **0,38%** | **0,317%** | **31,7%** |

Инак, чӣ тавре ки аз ҷадвали №1 бармеояд пас аз гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ мавзӯъҳои масъалаҳои омодасозии насли наврасро ба ҳаёт ва меҳнат ба андозаи 0,752% аз худ намуданд, ки он ба 10 банди мавзӯъҳои мазкур мувофиқатан 75,2%-ро ташкил медиҳад вақте ки чунин ншондиҳанда дар гурӯҳи назоратӣ 0,435%-ро ва ба ҳисоби миёна мувофиқатан 43,5%-ро ташкил медиҳад. Фарқияти умумии натиҷаҳои ба даст омода 0,31,7%-ро ба манфиати гурӯҳи озмоишӣ ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои ба даст омода шаҳодат медиҳанд, ки модели таҳия ва мавриди истифода қарор гирифта омодасозии омӯзгорони оянда ба равонасозии самараноки мактаббачагон ба таълим, тарбия ва инкишоф нисбат ба тарзҳои анъанавии омодасозии насли наврас ба ҳаёт ва меҳнат афзалияти илмӣ-методии бештарро доро мебошад ва мувофиқатан онро барои истифода дар мактабҳои олии омӯзгорӣ доир ба омодасозии касбӣ-педагогии омӯзгории оянда ба масъалаи мазкур пешниҳод намудан мумкин аст.

Ҷадвали № 2

| № | Сатҳ | Гурӯҳӣ назоратӣ | | Гурӯҳи озмоишӣ | | Фарқият | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | то озмоиш | пас аз озмоиш | то озмоиш | пас аз озмоиш | то озмоиш | пас аз озмоиш |
| 1. | Баланд | 00,7% | 0,13% | 00,5% | 0,26% | -24% | +0,13% |
| 2. | Миёна | 0,11% | 0,38% | 00,9% | 0,54% | -00,2% | +0,16% |
| 3. | Паст | 0,82% | 0,49% | 0,86% | 0,20% | +00,4% | - 0,29 % |

Пас аз гузаронидани корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ доир ба омодасозии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ ба ташкили самараноки намудҳои гуногуни ҳамкории дидактикӣ бо субъектҳои фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ натиҷаҳои зерин ба даст оварда шудаанд. Инак, пас аз гузаронидани озмоиш афзоиши миқдори омӯзгорони оянда, дар гурӯҳи назоратӣ бо сатҳи баланди омодагӣ ҳамагӣ 00,6%-ро ташкил дод, вақте ки ҳамин гуна натиҷа дар гурӯҳи озмоишӣ 0,21%-ро ташкил дод, ки фарқият аз натиҷаи гурӯҳи назоратӣ 0,13%-ро ба нафъи гурӯҳи озмоишӣ ташкил дод.Дар сатҳи миёна дар гуруҳи назоратӣ зиёдшавӣ 0,27%-ро ташкил дод, дар гурӯҳи озмоиши чунини нишондод 0,45%-ро ташкил дод, ки фарқият 0,16% ба нафъи гуруҳи озмоишӣ мебешад. Пас аз озмоиш дар гуруҳӣ назоратӣ дар сатҳи паст 0,49%и хонандагон боқӣ монданд, вақте ки чунин натиҷа дар гуруҳи озмоишӣ 0,20%-ро ташкил дод, ки фарқият 0,29% мебошад. Ҳамин тариқ, моделҳои назариявии омодасозии омузгорони оянда нисбат ба истифодаи намудҳои гуногуни ҳамкории субъектҳои таълимӣ-маърифатӣ аз лиҳози арзиши илмӣ- методии худ нисбат ба воситаҳои авъанавӣ бештар самаранок арзёби гардида, онҳоро дар амалияи омодасозии корҳои педагогӣ дар мактабҳои олӣ мақсаднок мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Дар **хулосаи диссертатсия** ҷамъбасти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти илмӣ пешниҳод гардида, ҳамчунин дурнамоии таҳқиқоти мазкур нишон дода шудааст.

Инак, таҳқиқоти гузаронидашуда дурустии фарзияи пешниҳод гардидаро, дурусти истифодаи техникаи таҳиягардидаи банақшагирӣ ташкил- истифода-таҳлили ҳамкории дидактикии хонандагонро дар раванди фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон, ва ҳамчунин методика омодасозии омузгорони ояндаи забони хориҷиро нисбат ба муаммои таҳқиқшаванда исбот намуда, имкон медиҳад, ки чунин **хулосаҳо** тасвия карда шаванд:

1.Системаи одам-гурӯҳи ичтимоӣ-ҷомеа аз нуқтаи назари илмӣ методӣ танҳо дар ҳолати омодасозии насли наврас ба худамалнамоӣ, худфаъолиятбарӣ, ташкили ҳаёти мустақилона, ба якҷояфаъолиятбарӣ, ба фаъолияти колективӣ, ба ҳаёти иҷтимоӣ, ба бозамалнамоӣ, ислоҳкунии хатогиҳо,норасоиҳо, камбудиҳо ва ғаёраҳо самаранок фаъолият бурда метавонад.

2. Роҳи беҳтарини чунин амалнамои, чӣ тавре ки натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мо нишон дод ҳамкории дидактикӣ мебошад, кӣ ҷори

намудани он дар раванди фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ҳам сифат ва ҳам маҳсулнокии фаъолияти таълимӣ-маърифатиро баланд мебардорад.

3. Ҷорӣ намудани ҳамкории дидактикӣ дар раванди таълим аз омузгор шуурнокӣ, фаъолнокӣ ва бо ҳисси масъулиятшиносӣ иҷро намудани вазифаи ташкилотчигиро, ва аз хонандагон низ шуурноки, фаъолнокӣ ва ба ҳисси масъулиятшиносӣ иҷро намудани ҳам вазифаи омӯзиш ва ҳам вазифаи омӯзониданро дар фаъолияти мустақилона ва коллективонаи фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ, дар раванди ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар тақозо менамояд.

4. Ҳамкории дидактикӣ дар раванди фаъоляти таълимӣ-маърифатӣ барои бо муваффақият аз нуқтаи назари вазифаҳои маълумотдиҳандагӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳандагӣ ҳал намудани мақсад ва вазифаҳои таълимӣ имкон медиҳад,ки он аз лиҳози омодасозии насли наврас ба ҳаёт ва ба меҳнат натиҷаи ниҳоят муҳим арзёби мегардад.

5. Омодасозии омузгорони оянда ба банақшагирӣ-ташкил-ҷорӣ намудан-таҳлили ҳамкории дидактикӣ дар раванди таълим самаранок намудани таълими қисми "Дидактика"-и курси педагогикаро, ташкили таҷрибаомӯзии омӯзгоронро,коркарди дараҷаҳо, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои омодагии онҳоро ва аз ҳама асосиаш ҷори намудани системаи моделҳои ҳамкории омӯгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигарро тақозо менамояд.

6.Системаи моделҳои ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар бо муваффақият дар амалияи таълимӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ, ва методикаи омодасозии омузгорони оянда ба ҳамкории дидактикӣ дар амалияи мактабҳои олии омузгорӣ ва зимни бозомӯзии омӯзгорон мавриди истифода қарор гирифта метавонад.

***Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки тавсияҳои зерин мавриди пешниҳод қарор дода шавад:***

- зарур аст,ки ба барномаи таълимӣ, силлабус, матни лексияҳо ва маводҳо доир ба мавзӯи:" Назария ва амалияи ташкили ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар" -и қисми " Дидактика"-и курси педагогика ворид карда шавад;
- курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорони мактабҳои олӣ доир ба ташкили ҳамкори омӯзгор бо донишҷӯён ва донишҷӯён бо ҳамдигар дар раванди машғулиятҳои амалӣ ташкил карда шавад;
- ба раванди таълими мактаби олӣ методҳо ва шаклҳои ташкили фаъоли ҳамкории омӯзгор бо донишҷӯён ва донишҷӯён бо ҳамдигар ворид карда шавад;
- ба мундариҷаи таҷрибаи омӯзгорӣ шинос намудани донишҷӯён бо таҷрибаи пешқадами банақшагирӣ-ташкил-назорат-таҳлилӣ баҳодиҳӣ ба ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар дар раванди таълиму тарбия ворид карда шавад;
- бояд ба мундариҷаи китобҳои дарсии забони англисӣ барои синфҳои ибтидоӣ вазифаҳои таълимии ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигарро талабкунанда ворид карда шавад;

- бо мақсади ташвиқу тарғиб намудани ҳамкории дидактикӣ доир ба методҳо ва шаклҳои ташкили ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар дарсҳои кушоди омӯзгоронро ташкил намуд;

- ташкил намудани роҳбаладӣ ва дастгирии методии омӯзгорон дар асоси маҷмӯаи моделҳо доир ба банақшагирӣ-ташкил-назорат-таҳлил-баҳодиӣ ба ҳамкории дидактикӣ;

- ташкил намудани курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ доир ба банақшагирӣ-ташкил-таҳлил-баҳодиҳӣ ба ҳамкории дидактикӣ.

Ҳамин тариқ, дар ташаккули маҳорати касбӣ педагогии омӯзгори оянда мавқеи муҳимро ҳамкории дидактикӣ, кори таълимии якҷояи омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар ишғол менамояд. Ин методҳо ва шаклҳои омӯзонидан ва омӯзиш сифат ва маҳсулнокии раванди таълимро баланд мебардорад. Дар баробари ин таҷрибаи ҳамкорӣ, ки аз ҷониби субъектҳои фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ аз худ карда мешавад, дар ҳаёти онҳо барои беҳтарсозии сифати ҳаёти онҳо мавриди истифода қарор гирифта мешаванд.

Таҳқиқоти мо бо вуҷуди ин ба ҳалли пурраи муаммои банақшагирӣ-ташкил-истифода-таҳлили ҳамкории дидактикӣ иддао накарда, ҳамчун ибтидоӣ ҳалли муаммои мазкур мавриди назар мегардад.Дурнамои минбаъдаи таҳқиқот метавонад дар доираи боз ҳам чуқур ва ҳамаҷонибаи назариявӣ ва мавриди назар намудани муаммои мазкур дар таҳлили фанҳои гуногун иҷро шавад.

## МУНДАРИҶАИ АСОСӢ ВА НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ДИССЕРТАТСИОНӢ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИН ИНЪИКОС ШУДААНД:

### 1. Мақолаҳое, ки нашрияҳои тақризии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд:

**[1-М]** Сидиқова П.И. Конструирование модели сотрудничества учителя с учениками и учеников друг с другом в процессе учебно-познавательной деятельности\ П.И. Сидикова \\ Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - №1. – Душанбе, 2019. - С. 294- 297. (ISSN 2074-1847) **(ба забони русӣ)**

**[2-М].**Сидиқова П.И. Об основополагающих теоретических вопросах организации учебно-познавательного сотрудничества субъектов обучения \ П.И. Сидикова\\ Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -№3. - Душанбе, 2019. - С.162- 165. (ISSN 2074-1847) **(ба забони русӣ)**

**[3-М].** Сидиқова П.И. Организация учебно-познавательного сотрудничества в зависимости от уровня сложности учебно-познавательной задачи \П.И. Сидикова\\ Номаи Дошишгоҳи ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров. - №3(60). – Хуҷанд, 2019. -С.170-175. (ISSN 2077-4990) **(ба забони русӣ)**

**[4-М].** Сидиқова П.И. О сущности и организации сотрудничества в процессе обучения\ П.И. Сидикова\\ Номаи Донишгоҳи ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров. -№4(65). – Хуҷанд, 2020. - С.194-199. (ISSN 2077-4990). **(ба забони русӣ)**

***II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:***

**[5-М]**. О некоторых вопросах интерпритации сущности понятия сотрудничества и классификации типов сотрудничества\ П.И. Сидикова\\ Армуғони навроҳони илм. - №6. – Хуҷанд, 2020. –С. 122-126.

**[6-М]**. О дидактической значимости внедрения поли функционального подхода в организации учебно-познавательной деятельности учащихся\ П.И. Сидикова\\Муаммоҳои омӯзиши фаннҳои табиию риёзӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим. – Хуҷанд: Нашриёти “Меъроҷ”, 2020. -С.174-177.

**[7-М]**. О подготовке будущих учителей иностранных языков к использованию дидактического сотрудничества в начальных классах // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Масъалаҳои рушди илмҳои психология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: муаммо ва дурнамо» бахшида ба 30 - солагии Иҷлосияи XVI Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90 солагии МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” (Хуҷанд-22.10.2022с). - Хуҷанд: Нури маърифат. 2022.- С.410-414.

**[8-М]**. О некоторых вопросах творческого использования опыта учителей новаторов при организации различных видов сотрудничества учителей с учениками и учеников между собой // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Масъалаҳои рушди илмҳои психология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: муаммо ва дурнамо» бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90-солагии МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” (Хуҷанд -22.10.2022с.). - Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. - С.414-418.

# АННОТАТСИЯ

ба диссертатсияи Сидиқова Парвина Исмоиловна дар мавзӯи “Асосҳои дидактикии ташкили ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар дар раванди таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

**Вожаҳои калидӣ**: *ҳамкории дидактикӣ, модели ҳамкории дидактикӣ, ҳамкории омӯзгор бо хонандагон, ҳамкории хонандагон бо ҳаидигар, принсипҳои ҳамкорӣ, омӯзгорони навовар сатҳи мураккабии вазифаҳои таълимӣ, омодасозии омӯзгорони оянда*

Диссертатсия ба масъалаи банақшагирӣ-ташкил-назорат-таҳлил-баҳодиҳӣ ба ҳамкории дидактикии омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар дар таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар шароити низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Дар диссертатсия масоили таҳияи маҷмӯи моделҳои ҳамкории дидактикӣ вобаста ба сатҳи мураккабии вазифаҳои таълимӣ ва комилан мувофиқ ба он омодасозии касбӣ-педагогии омӯзгорони оянда мавриди назар гардидаст.

*Мақсади таҳқиқот* коркарди модели аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаи ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар дар раванди таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ мебошад.

*Навгониҳоии илмии* он дар нуктаҳои зерин таҷассум меёбанд: -маҷмӯи моделҳои ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар, ки моҳият ва мундариҷаи асосии ин намудҳои ҳамкориро инъикос менамоянд, таҳия карда шудааст; вобастагии аналитикии байни истифодаи ҳамкорӣ ва баланд гардидани сифат ва маҳсулнокии фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ муқаррар карда шудааст; самаранокии ҷорӣ намудани таълим ба маънои васеяш, ки дар таркиби худ таълим ба маънои маҳдудаш, бахудтаълимдиҳӣ, баҳамдигартаълимдиҳӣ, бозтаълимдиҳиро дарбар мегирад, ҳамчун шарти зарур барои истифодаи ҳамкорӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ба тариқи таҷрибавӣ-озмоишӣ тасвиб карда шудааст; маҷмӯи саволҳо, супоришҳо доир ба оптимизатсияи сатҳи омодагӣ ва салоҳиятнокии омӯзгорони оянда нисбат ба ҳамкорӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар таълими забони англисӣ таҳия када шудааст; ҷадвали сатҳи омодагии омӯзгорони оянда ба банақшагирӣ-ташкил-истифода – таҳлили ҳамкорӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ тартиб дода шудааст.

*Аҳамияти амалии таҳқиқот* аз он иборат аст, ки: тавсияномаҳои методи доир ба банақшагирӣ-ташкил-истифода-таҳлили мақсадноки ҳамкории омӯзгор бо хонандагон ва хонандагон бо ҳамдигар, ки барои баланд бардоштани сифат ва маҳсулнокии фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ дар раванди таълими забони англисӣ да синфҳои ибтидоӣ имкон медиҳанд. Технологияи омодасозии омӯзгорони оянда ба истифодаи методҳо ва шаклҳои ташкили ҳамкорӣ дар мактабҳои олӣ ва зимни бозомӯзии омӯзгорон бо муваффақият мавриди истифода қарор гирифта метавонад.

# АННОТАЦИЯ

на диссертацию Сидиковой Парвины Исмоиловны на тему “Дидактическая основы организации сотрудничества учителя с учениками и учеников между собой в процессе обучения английскому языку в начальных классах” на соискание учёной степени кандидата педагогических наук по специальности 13.00.01 - Общая педагогика, история педагогики и образования (педагогические науки).

**Ключевые слова:** *дидактическое сотрудничество, модель дидактического сотрудничества, сотрудничество учителя с учениками, сотрудничества учеников друг с другом, принципы сотрудничества, учителя новаторы, уровень сложности учебных задач, уровень готовности будущих учителей, подготовка будущих учителей*

Диссертатсия посвящена проблеме планирования-организации-контроля-анализа-оценки дидактического сотрудничества учителя с учениками и учеников между собой в процессе обучения английскому языку в начальных классах в условиях системы образования Республики Таджикистана. В диссертации рассматриваются вопросы конструирования системы моделей дидактического сотрудничества в зависимости от уровня сложности учебных задач и адекватной им профессионально-педагогической подготовки будущих учителей.

*Целью исследования* является разработка научно обоснованной модели сотрудничества учителей с учениками и учеников между собой в процессе обучения английскому языку в начальных классах.

*Научная новизна* заключается в том, что: разработана система модели сотрудничества учителя с учениками и учеников между собой, отражающие сущность и основное содержание данных видов сотрудничества, установлена аналитическая зависимость между использованием сотрудничества и повышением качества и продуктивности учебно-познавательной деятельности, экспериментально апробирована эффективность внедрения обучения в широком смысле, включающее в своем содержание обучения в узком смысле, самообучения, взаимобучения, переобучения как необходимое условие для использования сотрудничества в учебно-познавательной деятельности, составлена тематика вопросов, задания для оптимизации уровня готовности и компетентности будущих учителей к сотрудничеству в процессе учебно-познавательной деятельности в начальных классов при обучении английскому языку, разработана шкала уровней готовности будущих учителей к планированию-организации-использованию-анализу сотрудничества в процессе учебно-познавательной деятельности;

*Практическая значимость исследования* заключается в том, что: методические рекомендации по целенаправленной планировании-организации –использования- анализа сотрудничества учителя с учениками и учеников друг с другом, которые позволяют повисит качества и продуктивность учебно-познавательной деятельности в процессе обучения английскому языку в начальных классах. Разработанная технология подготовки будущих учителей к использованию методов и форм организации сотрудничества могут успешно применяться в вузах и при переподготовки учителей.

# ANNOTATION

on the dissertation of Sidikova Parvina Ismoilovna on the theme «Didactic base of organizing the co-operation of the teacher with pupils and pupils with each other in the process of teaching English language in primary forms» for the degree of the candidate of pedagogical sciences on the specialty 13.00.01-« General pedagogy, history of pedagogy and education (pedagogical sciences)».

**Key words:** *didactic co-operation, model of didactic co-operation, co-operation of the teacher with pupils, co-operation of pupils with each other, principles of co-operation, teachers innovators, level of intricacy of teaching tasks, preparation of future teachers, levels of readiness of future teachers, pedagogic of co-operation, textbooks of English language, co-operation of pupils of primary forms.*

**The** dissertation is devoted to the problem of planning-organization-control-analysis-valuing of didactic co-operation of the teacher with pupils and pupils with each other in teaching of English language in primary forms in the condition of the system of education of the Republic of Tajikistan. In dissertation are considered the problems of constructing system models of didactic co-operation in dependence to the level of intricacy of teaching tasks and identical to them professional- pedagogic preparation of future teachers.

**The aim of research** is to working out the scientifically substantiated models of co-operation of the teacher with pupils and pupils with each other in the process of teaching -cognitive activity of pupils of the primary forms, the scientific novelty of which is that: the system of models of the co-operation of the teacher with pupils and pupils with each other, repulsing the essence and the main content of the following types of co-operation are worked out, the analytical dependence between the using of the co-operation and the raising the quality and productivity of the teaching -cognitive activity is established, the effectiveness of inculcating of the teaching in loosely interpreting, including in it's content the teaching in narrow sense, self -teaching, mutual-teaching, over -teaching as an necessary condition of using the co-operation in the teaching-cognitive activity experimentally is approved, subjects of questions, tasks for optimization of the level of the readiness and competence of future teachers to co-operation in the process of teaching -cognitive activity in primary forms on teaching English language is compiled, the scale of the level of the readiness of future teachers to planning-organization-using-analysis of the co-operation in the process of the teaching-cognitive activity is working out. **The practical significance of the research** lies in the fact that : the methodic recommendations on purposefulness planning-organization-using-analysis of the co-operation of the teacher with pupils and pupils with each other, which allows to raise the quality and productivity of the teaching-cognitive activity in the process of teaching English language in the primary forms, the working out technology of the preparation of future teachers to using the methods and forms of the organization of the co-operation may be used in the high schools and in the process of teacher's refresher courses.

Ба матбаа 24.11.2023. супорида шуд.
Ба чопаш 24.11.2023. имзо шуд.
Ҳуруфи Times New Roman.
Чопи рақамӣ. Ҷ.ч.ш. 3,18.
Дар матбааи «Нури маърифат» чоп шудааст.

---

735700, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 20-ум, бинои таълимии 3.
Адади нашр 100 нусха.